**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд. 102)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович дар мавзуи «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Автореферати диссертатсияи Каримов Б.Ҳ. ба проблемаи илмии мубрами ташаккул ва такмили низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ ва гузаштан ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) бахшида шудааст.

Мубрам будани таҳқиқот инкорнопазир аст, зеро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон навсозии иқтисодӣ ҷараён дорад, ки мутобиқати стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо талаботи байналмилалӣ, таъмини шаффофият ва саҳеҳии ҳисобот ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории кишварро тақозо мекунад.

Муаллиф дараҷаи коркарди мавзуъро чӣ дар адабиёти ҷаҳонӣ ва чӣ дар адабиёти ватанӣ ҳаматарафа таҳқиқ кардааст. Дар ин маврид, ӯ дуруст қайд мекунад, ки таҳқиқот оид ба мутобиқ намудани СБҲМ ба шароити кишварҳои рӯ ба рушд пароканда буда, муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунанд, ки зарурати анҷом додани чунин кори илмиро асоснок мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқот, ки дар автореферат инъикос ёфтааст, дар таҳияи амсилаи мутобиқшавандаи низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, равшансозии таснифоти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ аз нигоҳи сатҳи ҳамгироии ҷаҳонӣ, инчунин пешниҳодҳо оид ба ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар асоси СБҲМ ифода меёбад.

Ба асосноккунии нақши аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ ҳамчун самтиояндадори ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити нарасидани кормандони соҳибихтисос, инчунин таъкид ба рақамикунонӣ ва назорати дохилӣ ҳамчун воситаҳои баланд бардоштани шаффофият ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ диққати махсус дода шудааст, ки аз ҷиҳати амалӣ арзишманд аст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомадаро метавон истифода бурд: дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар

самати баҳисобгирии муҳосибӣ ва менеҷменти молиявӣ; дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва омодасозии касбии муҳосибон; дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ оид ба такмили сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ ва нақшаи ҳисобҳо.

Сохтори автореферат аз ҷиҳати мантиқӣ пайдарпай буда, мухтавои диссертатсияро инъикос мекунад. Усулҳои муосири таҳлил ва муқоиса истифода шудаанд, таҷрибаи байналмилалӣ ҷамъбаст карда шуда, хусусиятҳои ба шароити миллӣ мутобиқ кардани он нишон дода шудаанд.

Дар баробари ин, дар автореферат ҷой доштани нуктаҳои муайяни баҳсбарангезро қайд кардан лозим аст, аз ҷумла зарурати баррасии муфассали дастгирии институтсионалии татбиқи СБҲМ дар низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ; таҳлили амиқи амалияи миллии баҳисобгирии молиявӣ дар корхонаҳои хурд ва миёна, аз ҷумла имконияти истифодаи муқаррароти СБҲМ дар чунин корхонаҳо. Аммо эродҳои мазкур арзиши умумии баланди илмӣ ва амалии таҳқиқотро паст намекунанд.

Хулоса: омӯзиши автореферат тасдиқ мекунад, ки Каримов Б.Ҳ. дар анҷом додани таҳқиқоти илмӣ муваффақ шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти баланди амалӣ мебошанд. Диссертатсия дар мавзуи «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Каримов Баҳодур Ҳасанович барои додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сазовор аст.

Муқарриз:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи
идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Досиев М.Н.

**Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Досиев М.Н.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси АИДНПҶТ Насурдинзода А.Н.

28. 08. 2025с